# Ҳар касе намози бомдодро хонад, дар амон ва ҳимояти Аллоҳ аст

Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳи Қасрӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Ҳар касе намози бомдодро хонад, дар амон ва ҳимояти Аллоҳ аст, Пас (ҳушёр бошед, ки) Аллоҳ барои дар ҳимоят ва амон гирифтанаш аз шумо чизе нахоҳад, зеро ҳар кӣ аз Ӯ дар бораи амон ва ҳимояташ бипурсад, ӯро гирифтор созад, сипас ӯро бар рӯяш ба оташи дӯзах андозад".
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар доданд, ки ҳар касе намози бомдодро бихонад зери ҳимояти Аллоҳ қарор дорад, ӯро дар паноҳаш мегирад ва ёриаш медиҳад. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аз шикастани ин аҳду паймон ҳушдор доданд, ё бо тарки намоз субҳ бошад ва ё бо дарафтодан ба касе ки намози субҳро адо намудааст. Ҳар кас ин корро анҷом диҳад аҳдро зер пой гузошта сазовори ҷазои сахт аст, яъне Аллоҳ ӯро дар бораи ҳаққаш мутолаба мекунад ва касе ки Аллоҳ ҳаққашро аз ӯ талаб кунад мавриди гирифтори шадиди Ӯ Таъоло гардида бар рӯяш дар оташи дӯзах меафканад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee